# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Олимзода Муҳаммадёр Абдулҳай дар мавзуи «Асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ. – Душанбе, 2025. – 211 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мувофиқат менамояд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Диссертатсияи Олимзода Муҳаммадёр Абдулҳай ба масъалаи дорои аҳаммияти баланди сиёсӣ ва ҳуқуқӣ – таҳлили конститутсионӣ-ҳуқуқии раванди интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст.

Дар шароити рушди устувори давлатдории миллӣ ва таҳкими арзишҳои демократӣ, масъалаи ташкили интихоботи озод ва одилона ҳамчун шакли олӣ ва ифодагари соҳибихтиёрии халқ дорои аҳаммияти хоса мебошад. Ташкил ва баргузории интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун роҳбари давлат, на танҳо шакли амалигардонии ҳокимияти халқ, балки воситаи муҳими таҳкими истиқлоли сиёсӣ, суботи конститутсионӣ ва рушди низоми идоракунии давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Иштироки фаъолонаи шаҳрвандон дар интихоботи президентӣ на танҳо ифодаи масъулияти сиёсӣ ва иҷтимоии онҳо, балки яке аз унсурҳои асосии амалӣ намудани ҳокимияти давлатӣ ва таъминкунандаи қонунияти фаъолияти он аст. Дар ҷаҳони муосир интихобот пояи ҳар низоми демократиро ташкил дода, бе он мавҷудияти давлатҳои ҳуқуқбунёд ва ҷомеаҳои шаҳрвандӣ ғайриимкон мебошад.

Дар ҳамин замина, таҳқиқи ҷанбаҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии ташкил ва гузаронидани интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои

аҳаммияти илмиву амалӣ мебошад, зеро ин раванд на танҳо самти муҳими сиёсати давлатӣ, балки воситаи муҳими татбиқи принсипҳои соҳибихтиёрӣ, адолат ва масъулияти шаҳрвандонро ифода менамояд.

Бояд тазаккур дод, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санади олии ҳуқуқӣ, асосҳои ташкили интихоботи президентиро муқаррар намуда, бо ҳамин ба рушди низоми ҳуқуқии кишвар ва таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ заминаи устувор мегузорад. Дар шароити кунунии ҷомеаи тоҷик, ки дар роҳи таҳкими ҳокимияти демократӣ ва идоракунии ҳуқуқбунёд қарор дорад, омӯзиши ҳамаҷонибаи низоми интихоботи президентӣ ва таҳлили заминаҳои ҳуқуқии он аз нигоҳи илмӣ ва амалӣ аҳаммияти мубрам пайдо кардааст.

Аз ин лиҳоз, мавзуи таҳқиқоти мазкур ба масъалаҳои муҳими илми ҳуқуқи конститутсионӣ ва таҷрибаи амалии татбиқи он иртибот дошта, ҷавобгӯи талаботи замони муосир ва сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Диссертатсия аз лиҳози мазмун, сохтор ва усули таҳқиқ дорои дараҷаи муайяни навгонии илмӣ мебошад. Навгонии асосии кори илмӣ дар он ифода меёбад, ки масъалаи асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии ташкил ва гузаронидани интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бори нахуст ҳамчун мавзуи мустақили пажӯҳиши илмӣ мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифтааст. Муаллиф тавонистааст моҳияти ҳуқуқии интихоботи президентиро дар доираи низоми конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти таҷрибаи таърихӣ, қонунгузории амалкунанда ва арзишҳои демократии ҷомеаи муосир ошкор созад.

Дар таҳқиқот мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои ҳуқуқии интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардида, низоми ҳуқуқии ташкили он бо такя ба меъёрҳои Конститутсия ва қонунҳои конститутсионии соҳавӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Муаллиф бори аввал марҳилаҳои асосии

раванди интихоботи президентиро – аз пешниҳоди номзад то эълони натиҷаҳо дар асоси меъёрҳои ҳуқуқии дахлдор гурӯҳбандӣ ва тавсиф намудааст.

Диссертант ҳамзамон мафҳуми ҳуқуқҳои фаъол ва ғайрифаъоли шаҳрвандонро дар ҷараёни интихоботи президентӣ таҳлил намуда, нақши онҳоро дар татбиқи принсипи соҳибихтиёрии халқ ҳамчун пояи конститутсионии давлатдорӣ муайян кардааст. Дар баробари ин, асосҳои ҳуқуқии номзад ба мансаби Президент ва талаботи қонунӣ нисбат ба ӯ дар заминаи таҳлили меъёрҳои миллӣ ва таҷрибаи ҳуқуқии давлатҳои хориҷӣ мавриди муқоиса қарор гирифтааст.

Дар натиҷаи таҳқиқ, хусусиятҳои хоси низоми ташкили интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардида, пешниҳодҳои мушаххас ҷиҳати такмили қонунгузории интихоботӣ, баланд бардоштани шаффофият, фаъолсозии иштироки шаҳрвандон ва тақвияти механизмҳои ҳуқуқии таъмини адолат дар ҷараёни интихобот пешниҳод шудаанд.

Аз ин лиҳоз, нуктаҳои илмии асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мегарданд, иборатанд аз:

– муайян намудани хусусияти ҳуқуқӣ ва моҳияти демократии интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун шакли олии ифодаи соҳибихтиёрии халқ;

– таҳлили низоми ҳуқуқии ташкили интихоботи президентӣ дар асоси меъёрҳои Конститутсия ва қонунгузории амалкунанда;

– гурӯҳбандии марҳилаҳои интихобот ва тавсифи ҳуқуқии ҳар як зинаи он бо дарназардошти талаботи демократӣ;

– таҳлили ҳуқуқҳои фаъол ва ғайрифаъоли шаҳрвандон дар интихоботи президентӣ ҳамчун кафолати ҳокимияти халқ ва иштироки сиёсӣ;

– муайян намудани асосҳои ҳуқуқии номзад ба мансаби Президент ва таҳлили муқоисавии таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар ин самт;

– пешниҳод намудани тавсияҳои илмӣ ва амалии мушаххас ҷиҳати такмили қонунгузории интихоботии миллӣ ва баланд бардоштани сатҳи таъсирнокии он дар таҳкими низоми конститутсионии кишвар.

Бо назардошти натиҷаҳои бадастомада, метавон хулоса намуд, ки кори мазкур дорои навгонии назаррас буда, дар самти таҳқиқи масъалаҳои ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми арзандаи илмӣ дорад ва метавонад барои такмили қонунгузорӣ, фаъолияти амалӣ ва таълими илмҳои ҳуқуқӣ истифода гардад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.**

Хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда аз рӯйи мазмун ва мантиқ асоснок буда, ба натиҷаҳои таҳқиқоти муфассали назариявӣ ва таҳлили амалии маводҳои ҳуқуқӣ такя мекунанд. Асоснокии илмии онҳо дар он ифода меёбад, ки ҳамаи хулосаҳо ва пешниҳодҳои муаллиф дар асоси омӯзиши муфассали заминаҳои конститутсионӣ, қонунгузории амалкунанда, санадҳои байналмилалии марбут ба интихобот, таҷрибаи ҳуқуқии давлатҳои хориҷӣ ва таҳлили амалияи татбиқи қонунгузории интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидаанд.

Диссертант дар ҷараёни таҳқиқ усулҳои илмии таҳлил, муқоисаи ҳуқуқӣ, таҳлили системавӣ, таҳлили мантиқӣ ва таърихии қонунгузориро истифода намуда, бо такя ба онҳо хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ пешниҳод намудааст. Омӯзиши таҷрибаи амалии гузаронидани интихоботи президентӣ дар даврaҳои гуногун, таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва маводи расмӣ имконият дод, ки масъалаҳои муҳими ташкилу гузаронидани интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз дидгоҳи илмӣ арзёбӣ ва хулосаҳои боэътимод бароварда шаванд.

Эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда инчунин бо он таъйид мегардад, ки онҳо ба таври мантиқӣ аз таҳлилҳои назариявӣ ва далелҳои воқеӣ бармеоянд, бо принсипҳои умумии илмҳои ҳуқуқӣ ва қонунгузории миллӣ мутобиқат доранд ва бо таҷрибаи муосири ҳуқуқи интихоботии кишвар ҳамоҳанганд.

Тавсияҳои пешниҳодшуда дорои хусусияти амалии равшан буда, метавонанд барои такмили қонунгузории интихоботӣ, баланд бардоштани

шаффофият ва демократикунонии равандҳои сиёсӣ, ҳамчунин дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, комиссияҳои интихоботӣ ва муассисаҳои таълимии олӣ истифода шаванд.

Дар маҷмӯъ, хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф бо асоснокии назариявӣ ва эътимоднокии амалӣ тавсиф меёбанд, ки ин ба кори диссертатсионӣ арзиши баланди илмӣ ва амалӣ мебахшад.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз феҳристи ихтисорот, муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо ва феҳристи адабиёти истифодашуда ва маъхазҳо таркиб ёфтааст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 211 саҳифаро дар бар мегирад.

Дар муқаддима аҳаммияти мавзӯи таҳқиқ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъала, объект ва предмети таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳо, асосҳои назариявию методологӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалии натиҷаҳои бадастомада ба таври возеҳ муайян гардидаанд.

Боби якум – «Мафҳум ва моҳияти низоми интихоботи президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давраҳои он» (саҳ. 22–64) ба таҳлили мафҳум, моҳият ва низоми ҳуқуқи интихобот бахшида шуда, инчунин намудҳо ва марҳилаҳои мурофиаи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ мегардад.

Дар боби аввал рисолонавис интихоботро ҳамчун раванде, ки дар чаҳорчӯби сохтори демократӣ ташкил мегардад ва ҳадафи асосии он таъмини имкони изҳори озоди иродаи мардум ва мусоидат ба таҳкими демократия дар ҷомеа мебошад, тависф намудааст. Дар ин замина, ҳуқуқи интихоботӣ як шакли демократиро меноманд, ки мақсад барои рушди ҷомеа ва изҳори озоди иродаи халқ, инчунин, таъмини ҳуқуқҳои сиёсии шаҳрвандон, ба шумор рафта, дар асоси ин ҳуқуқ шаҳрвандон имконияти иштирок дар ҳаёти сиёсӣ ва ё идоракунии давлатиро пайдо менамоянд.

Ҳамзамон, муаллиф марҳилаҳои интихоботи президентиро таҳлил намуда, қайд менамояд, ки сохтори марҳилавии раванди интихоботӣ оид ба интихоботи Президенти ҶТ, пайдарпайии равшани мантиқии амал ва расмиёти

ба таъмини қонуният, шаффофият ва одилонаи интихобот нигаронидашударо инъикос менамояд. Марҳалаҳои асосӣ - аз таъини интихобот ва ташкили ҳавзаҳо, то муайян кардани натиҷаҳои овоздиҳӣ ба шаҳрвандон татбиқи ҳуқуқҳои фаъол ва ғайрифаъоли интихоботиро кафолат медиҳанд. Марҳилаҳои иловагӣ (овоздиҳии такрорӣ ва интихоботи такрорӣ) барои ҳалли ҳолатҳое пешбинӣ шудаанд, ки дар он ба даст овардани натиҷае, ки ба талаботи қонун мувофиқат мекунад ва қонунӣ будани мақомоти интихобиро таъмин мекунад, имконнопазир мегардад.

Дар ин маврид, ба унсурҳои ташкилию технологӣ, аз ҷумла, маблағгузории интихобот, ҳалли баҳсҳои интихоботӣ ва ба ҷавобгарӣ кашидан барои вайрон кардани қонунгузории интихоботӣ, нақши муҳим дода мешавад. Ҳамаи ин дар якҷоягӣ заминаи ҳуқуқӣ ва институтсионалиро ба вуҷуд меоварад, ки бе он татбиқи пурраи принсипҳои демократӣ дар ташаккули ҳокимияти давлатӣ имконнопазир аст.

Боби дуюм – «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии раванди интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (саҳ. 65–126) ба таҳлили меъёрҳои ҳуқуқӣ ва асосҳои конститутсионии ташкилу гузаронидани интихоботи президентӣ ихтисос ёфтааст. Дар доираи он масъалаҳои танзими ҳуқуқҳои фаъол ва ғайрифаъоли шаҳрвандон дар ҷараёни интихобот, инчунин вазъи ҳуқуқии номзадон ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Дар боби мазкур муаллиф зикр менамояд, ки танзими конститутсионӣ-ҳуқуқии тартиби ташкил ва гузаронидани интихоботи Президенти ҶТ дар доираи васеи санадҳои ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад. Мавқеъҳои дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ мавҷудбударо таҳлил намуда, рисонавис ба хулосае меояд, ки танзими ҳуқуқии интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро метавон ба 4 гурӯҳ тақсим кард:

• Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

• Санадҳои ҳуқуқӣ-байналмилалӣ;

• Қонунҳо (конститутсионӣ ва ҷорӣ);

• Санадҳои зерқонунӣ.

Боби сеюм – «Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии раванди интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои ИДМ» (саҳ. 127–175) таҳқиқоти муқоисавиро дар бар мегирад, ки дар он хусусиятҳои хоси баргузории интихоботи президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷрибаи қонунгузории кишварҳои хориҷӣ, бахусус давлатҳои пасошӯравӣ, мавриди баррасӣ ва муқоиса қарор гирифтаанд.

Рисоланвис хулосабарорӣ менамояд, ки интихоботи президентӣ дар ҳамаи кишварҳои ИДМ аз рӯйи низоми мажоритории аксари мутлақ баргузор мегардад, яъне номзаде, ки беш аз нисфи овозҳои интихобкунандагони дар овоздиҳи иштирокдоштаро гирифтааст, пирӯз мешавад. Арманистон истисно аст, ки дар он аксарияти тахассусии 3/4 овози вакилони Маҷлиси миллӣ зарур аст.

Дар Русия, Қазоқистон, Туркманистон, Озарбойҷон, Украина, Қирғизистон ва Арманистон маҳдудияти ҳузури овоздиҳандагон муқаррар карда намешавад, ки барои эътирофи баргузории интихоботи президентӣ зарур аст. Лекин кишварҳое ҳастанд, ки дар он ҷо он муқаррар карда шудааст. Дар Тоҷикистон ва Беларус барои эътироф шудани баргузории интихоботи президентӣ зарур аст, ки дар овоздиҳӣ беш аз нисфи шаҳрвандони ба рӯйхати интихобкунандагон дохилшуда ширкат варзанд. Дар Узбекистон маҳдудаи камтари ҳузури интихобкунандагон пешбинӣ шуда, агар дар он камтар аз 33 дарсади интихобкунандагоне, ки ба рӯйхатҳои интихобкунандагон ворид шудаанд, дар интихобот ширкат дошта бошанд, интихобот беэътибор дониста мешавад. Дар Молдова низ ҳамин гуна маҳдудияти ҳузури интихобкунандагон вуҷуд дорад ва агар камтар аз 1/3 нафари дар рӯйхатҳои интихобкунандагон воридшуда дар овоздиҳӣ ширкат дошта бошанд, интихобот беэътибор дониста мешавад.

Дар хулоса ва тавсияҳо натиҷаҳои асосии илмӣ ҷамъбаст гардида, хулосаҳои муҳим ва тавсияҳои амалӣ ҷиҳати такмили низоми ҳуқуқии

интихоботи президентӣ ва баланд бардоштани сатҳи демократӣ дар ҷомеа пешниҳод шудаанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсияи мазкур аз ҷиҳати илмӣ ва амалии худ дорои аҳаммияти назаррас мебошад. Аҳаммияти илмии таҳқиқот пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки муаллиф яке аз самтҳои муҳимми ҳуқуқи конститутсиониро асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – мавриди таҳлили муфассал ва системавӣ қарор додааст. Дар натиҷа, мафҳум, моҳият, сохтор ва принсипҳои демократии интихоботи президентӣ ҳамчун шакли ифодаи соҳибихтиёрии халқ, инчунин ҷанбаҳои ҳуқуқии ташкил ва гузаронидани он, аз дидгоҳи назарияи ҳуқуқи конститутсионӣ, бо таҳлили таҷрибаи миллӣ ва байналмилалӣ, асоснок карда шудаанд. Натиҷаҳои илмии диссертатсия ба рушди минбаъдаи назарияи ҳуқуқи конститутсионӣ, махсусан дар бахши ҳуқуқи интихоботӣ ва таҳкими принсипи ҳокимияти халқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунанд.

Аҳаммияти амалии тадқиқот дар он аст, ки хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, махсусан Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ҳокимияти иҷроия ва маҳаллӣ, инчунин дар таҳияи барномаҳо ва стратегияҳои марбут ба рушди низоми интихоботии кишвар истифода шаванд. Тавсияҳои илмӣ инчунин метавонанд ҳамчун замина барои такмили қонунгузории миллӣ дар соҳаи интихоботи президентӣ ва баланд бардоштани сатҳи шаффофият, адолат ва масъулияти шаҳрвандон дар ҷараёни интихобот хизмат кунанд.

Аз нигоҳи иқтисодӣ, устувории низоми интихоботи демократӣ ва шаффоф ба суботи сиёсӣ ва устувории иқтисодии давлат таъсири мусбат расонида, фазои мусоиди сармоягузорӣ ва рушди иҷтимоиву иқтисодиро фароҳам меорад. Дар натиҷаи таҳкими пояҳои давлатдории ҳуқуқбунёд ва демократӣ, заминаҳои қавии пешрафти устувори иқтисодӣ ва рушди инсонӣ таъмин мегарданд.

Аҳаммияти иҷтимоии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки татбиқи амалии натиҷаҳои он ба таҳкими фарҳанги ҳуқуқӣ ва сиёсии шаҳрвандон, рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, боло бурдани сатҳи иштироки оммавӣ дар раванди ташаккули ҳокимияти давлатӣ ва эътимоди мардум ба институтҳои демократӣ мусоидат менамояд.

Ҳамин тавр, аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии натиҷаҳои диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки онҳо ба таҳкими низоми интихоботии кишвар, густариши арзишҳои демократӣ ва баланд бардоштани сатҳи самаранокии фаъолияти институтҳои давлатӣ мусоидат намуда, метавонанд ҳамчун дастури илмӣ ва амалии муҳим барои таҳқиқотчиён, қонунгузорон ва сохторҳои идории давлатӣ истифода шаванд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Нуқтаҳо ва натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд.

Шумораи маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсия аз рӯйи шакл ва муҳтаво ба талаботи амалкунандаи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя

пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд.

Истинодҳо, рӯйхати адабиёт ва нашрияҳо бо риояи меъёрҳои амалкунанда тартиб дода шудаанд.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, имлӣ ва грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Дар зербоби 1.1. боби якуми рисола се мафҳуми калидӣ – «интихобот», «ҳуқуқи интихоботӣ» ва «низоми интихоботӣ» мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Бо вуҷуди аҳаммияти ҳар яки онҳо дар доираи таҳқиқи илмӣ, таҳлили муфассал нишон медиҳад, ки ин мафҳумҳо дар матн на ҳамеша бо риояи ҳудуд ва мантиқи консептуалии хос истифода шудаанд.

Бо назардошти ин, ба андешаи мо хуб мешуд, ки муаллиф барои ҳар яке аз мафҳумҳои зикршуда (интихобот, ҳуқуқи интихоботӣ ва низоми интихоботӣ) таърифи алоҳида, возеҳ ва таҳлилгарона пешниҳод намуда, онҳоро дар асоси манобеи илмии муътамад ва қонунгузории амалкунанда ҷудо намояд. Ҷудосозии консептуалии ин мафҳумҳо барои ба роҳ мондани таҳқиқи амиқ ва мантиқии низоми интихоботи Президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур ва ҳатмӣ мебошад.

2. Дар зербоби 2.1. рисола таҳлили низомманд ва фарогири танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронда шудааст, аз ҷумла санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ. Таҳлили рисола нишон медиҳад, ки дар он робитаи байни санадҳои ҳуқуқие, ки фаъолияти комиссияҳои интихоботиро танзим мекунанд, ба пурраги ироа нашудааст. Аз ҷумла, робитаи ҳуқуқии санадҳои Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ бо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни

конститутсионӣ «Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», санадҳои мурофиавӣ (кодексҳо) ва меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ (стандартҳо, конвенсияҳо) ба таври возеҳ ва муназзам нишон дода нашудааст. Дар натиҷа, ҷойгоҳ ва арзиши ҳуқуқии санадҳои мазкур дар сохтори умумии танзими ҳуқуқии интихобот норавшан боқӣ мондааст.

Ҳамчунин, таҳлили муқоисавии санадҳои Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ бо таҷрибаи кишварҳои дигар, хусусан кишварҳои дорои низоми президентӣ ва давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ, дар рисола мавҷуд нест.

Надоштани чунин муқоиса имконияти арзёбии устуворӣ ва мувофиқати меъёрҳои миллиро бо стандартҳои байналмилалӣ маҳдуд менамояд. Гузаронидани таҳлили муқоисавӣ метавонад ба муайянсозии нуқсонҳои ҳуқуқӣ ва пешниҳод намудани роҳҳои такмили заминаи меъёрии фаъолияти комиссияҳои интихоботӣ мусоидат намояд.

Дар зербоби 3.2. рисола таҳлили муқоисавии ташкил ва баргузории интихоботи Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мамлакатҳои хориҷӣ гузаронида шудааст. Зербоби мазкур фарогирии васеи маводи таърихӣ ва таҳлили муфассали ташаккул ва инкишофи ниҳоди президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои пасошуравӣ, таҳлили низомманд ва муқоисавии муфассал доир ба тартиби ташкили интихоботи президентӣ, тартиби пешбарӣ ва интихобот, талабот ба номзадҳо, мӯҳлати ваколат ва моделҳои идоракунӣ дар ин кишварҳо бо истифода аз методологияи таҳлили ҳуқуқи муқоисавӣ ба таври бояду шояд амалӣ шудааст. Ҳамзамон, дар баррасии масъалаҳои муқоисавӣ, нуктаҳои калидӣ, аз қабили муқоисаи моделҳои интихоботи мустақим ва ғайримустақим, шартҳои конститутсионии номзадшавӣ, теъдоди имзои интихобкунандагон, низоми гаравпулӣ ва иштирок ё набудани худпешбарӣ дар кишварҳои ИДМ, ба таври низомманду таҳлилгарона ва бо натиҷагирии ҳуқуқӣ дар матн ҷудо карда нашудаанд. Ин норасоӣ боис мегардад, ки имконияти муайянсозии хусусиятҳои хоси модели интихоботи

президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва арзёбии дараҷаи мувофиқати он бо таҷрибаи пешрафтаи кишварҳои минтақа маҳдуд гардад.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ аҳамияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунандт ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Олимзода Муҳаммадёр Абдулҳай дар мавзуи «Асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтиоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
муовини аввал, муовини директори иҷроия
оид ба илм, инноватсия ва муносибатҳои байалмилалӣии
филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи
М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе А.М. Диноршоҳ
**Суроға:** 734023, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Бохтар, 35/1
Тел.: (+992 93) 589 02 07
E-mail: a.dinorshoh@msu.tj

**Имзои А.М. Диноршоҳро тасдиқ менамоям:**
сардори шуъбаи сиёсати кадрӣ ва корҳои махсуси
филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи
М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе С.М. Пирназар

**Суроға:** 734023, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Бохтар, 35/1
Тел.: (+992 37) 227 11 04
E-mail: info@msu.tj
«17» 11 соли 2025